Муаллиф: Administrator
18.09.2021 14:54 -

*18.09.2021, шаҳри Душанбе*

Мухтарам намояндагони васоити ахбори омма,
Хонумҳо ва ҷанобон,

Қабл аз ҳама, бори дигар Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷаноби Олӣ Иброҳим Раисиро ба Тоҷикистон хайрамақдам мегӯям.

Инчунин, Ҷаноби Олиро ба муносибати интихоб шуданашон ба маснади олии Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон табрик гуфта, аз сафари нахустинашон дар ин маснади олӣ, ки ба Тоҷикистон анҷом додаанд, изҳори қаноатмандӣ менамоям.

Имрӯз, тибқи барномаи сафари расмӣ, мо дар фазои дӯстона ва ҳусни тафоҳум мулоқоту музокироти  сермаҳсулро анҷом додем.

Зимни суҳбат мо масъалаҳои асосии муносибат ва ҳамкориҳои Тоҷикистону Эронро баррасӣ намудем.

Итминон дорем, ки бастаи нави санадҳои ҳамкорӣ, ки имрӯз ба имзо расиданд, барои тақвияти минбаъдаи муносибатҳои ду кишвар заминаи боз ҳам мусоид фароҳам меоваранд.

Таъкид гардид, ки мардумони мо  дорои арзишҳои муштарак ва безаволи таърихӣ, маънавию фарҳангӣ мебошанд.

Изҳори итминон намудем, ки ин муштаракот заминаи мусоид барои рушди минбаъдаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои судманд мебошанд.

Мо чонибдории худро аз таквияти муколамаи созандаи сиёсии байни ду давлат дар сатххои мухталиф ва тавсеаи минбаъдаи онхо, ки дар раванди ташаккули фазои хусни тафохум ва эчоди эътимод  накши мухим доранд, изхор намудем.

Мо хохони густариши хамкорихои иктисодиву тичоратӣ хастем ва   зарурати талошхои бештари сохторхои сохавиро чихати бехбуди муомилоти тичоратии дучониба таъкид намудем.

Ба максади расидан ба ин хадафхо пешниход намудем, ки чонибхо “Барномаи дарозмуддати хамкорихои иктисодиву тичоратӣ байни Точикистон ва Эронро то соли 2030” омода намуда,  ба имзо расонанд.

Хамзамон, накши Комиссияи муштараки хамкорихои тичоратӣ, иктисодӣ, техникӣ ва фархангиро дар раванди тахкими робитахои иктисодӣ ва тичоратӣ мухим арзёбӣ гардид.

Хамзамон, фаъол гардонидани робитахои доирахои сохибкории ду кишварро  дар сохахои тичорат ва сармоягузорӣ мувофики максад донистем.

Рушди инфрасохтор ва пайвасти шабакахои наклиётӣ дар рохи тавсеаи хамкорихои иктисодиву тичоратӣ, афзоиши табодули мол ва тамосхои башарӣ мухим дониста шуд.

Кишвари мо чонибдории худро барои идомаи татбики тадбирхо барои бехбуди шароити мавчудаи наклиётӣ ва бунёди роххои заминӣ, охан ва пайвасти онхо бо бандархои обии Эрон иброз намуд.

Дар ин замина, мо алокамандии худро барои таквияти хамкорӣ байни сохторхои дахлдори ду кишвар чихати истифодаи  имконоти  бандархои Чобахор ва Бандар-Аббоси Чумхурии Исломии Эрон  барои хамлу накли молхо кайд кардем.

Мо густариши ҳамкориҳои фарҳангӣ ва илмӣ миёни Тоҷикистону Эронро амри табиӣ донистем.

Дар ин замина ташаккули  заминаҳои ҳуқуқӣ ва қарордодиро барои рушди сайёҳӣ зарур шуморидем.

Ҳамчунин, андешидани чораҳои заруриро барои беҳбуди ҳатсайрҳои ҳавоии мустақиму мунтазам ва низоми сафар байни ду кишвар тақозои замон донистем.

Мо, бо дарназардошти вазъи ҳассоси имрӯза, муҳим будани ҳамкориҳоро дар соҳаи амният таъкид намудем.

Дар ин зимн, вазъи нигаронкунандаи Афғонистони ҳамҷавор дар маркази таваҷҷуҳи мо қарор дошт.

Мо ҳоҳони истиқрори ҳарчи зудтари  сулҳу суботи комил дар он кишвар, ки омили муҳими таъмини амният дар минтақа мебошад, ҳастем.

Кишвари мо омодагии худро барои мусоидат ба ин раванд таъкид намуд.

Ҳамзамон бо ин, мо таъсиси ҳукумати ҳамашумул ва фарогири манфиатҳои ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва қавму миллатҳои сокини Афғонистонро   омили калидии истиқрори сулҳу суботи пойдор дар Афғонистон донистем.

Мавриди зикр аст, ки дар музокироти дирӯза бо ҷониби Покистон мо   таъкид бар он кардем, ки дар ҳукумати фарогир тоҷикон ва дигар қавмиятҳо бояд ҷойгоҳи шоиста дошта бошанд.

Зимнан итминон ҳосил гардид, ки сулҳу суботро дар Афғонистон метавон фақат бо ҳамин роҳ таъмин кард.

Инчунин, ҳарчи тезтар аз байн бурдани низоъ ва ташаннуҷ дар вилояти Панҷшер тавассути эълон кардани оташбас ва кушодани роҳҳо барои расонидани кумакҳои башардӯстона ба мардуми ин минтақа аз вазифаҳои муҳимтарини имрӯза дониста шуданд.

Дар ин замина мо ба мувофиқа расидем, ки тамоми кӯшишҳои худро ҷиҳати расидан ба ин ҳадафҳо сафарбар намуда, ба баргузории музокирот байни тоҷикон ва толибон дар шаҳри Душанбе мусоидат намоем.

Мо бар онем, ки дар пешбурди ин раванд Созмони Милали Муттаҳид бояд нақши калидӣ дошта бошад.

Риояи манфиатҳои ҳамаи қавму миллатҳои сокини Афғонистон, раъйи тамоми мардуми мамлакат, эҳтирому эътирофи ҳуқуқи шаҳрвандон дар доираи меъёрҳои пазируфташудаи байналмилалӣ амри зарурист.

Бар ин назарем, ки маҳз чунин муносибат метавонад ба барқарории сулҳу субот дар Афғонистон мусоидати ҷиддӣ намояд.

Мо — Тоҷикистону Эрон ба ҳайси ҳамсояҳои ҳамзабону ҳамфарҳанг беш аз дигарон ба амнияти Афғонистон манфиатдорем.

Боз ҳам таъкид карданиам, ки афзоиши хушунат ва даргириҳо дар Афғонистон бо микёси солҳои 90-уми асри гузашта метавонад боиси сар задани фалокати башарӣ дар ин кишвар ва боз ҳам сангинтар шудани зиндагии сокинони он, ҳамчунин ба ҳайси маркази терроризми байналмилалӣ боқӣ мондани қаламрави ин мамлакат гардад.

Нооромӣ дар Афгонистон амнияту суботро дар кишвархои минтака ва чахон ба таври чиддӣ халалдор мегардонад.

Хозирини гиромӣ,

Мо аз холат ва раванди хамкорихо миёни Точикистон ва Эрон дар чахорчӯби созмонхои байналмилалӣ ва минтакавӣ изхори каноатмандӣ кардем.

Кишвари мо аз огози раванди пайвастани Чумхурии Исломии Эрон ба узвияти Созмони Хамкории Шанхай истикбол намуд.

Изхори итминон карда шуд, ки хамкорихои муштараки ду кишвар дар доираи Созмони Хамкории Шанхай ба дарёфти роххои нави тахкими хамкории созанда мусоидат хохад кард.

Бо дарназардошти мувофикахои имрӯз бадастомада, мо сафари Чаноби окои Раисиро огози мархалаи нав дар муносибатхо миёни ду кишвари дӯст арзёбӣ менамоем.

Холо, бо камоли майл риштаи суханро ба мехмони гиромии мо, Раиси Чумхурии Исломии Эрон, Чаноби Олӣ Саид Иброхим Раисӣ медихам.

Мархамат.

https://khovar.tj/2021/09/suhanronii-prezidenti-um-urii-to-ikiston-emomal-ra-mon-dar-nishasti-matbuot-pas-az-muzokirot-bo-raisi-um-urii-islomii-eron-sajid-ibro-im-rais/